«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи агарии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур,
д.и.к., аъзо-корреспонденти АИКТ,
профессор _____________ Маҳмадёрзода У.М.
«___» ___________ с.2024

Т а қ р и з и

муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли сохибкории кишоварзӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ: **1.1.** Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ: таҳияи методикаи ташкили фаъолият аз рӯи шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ;. **1.5.** Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; **1.7.**Ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ; Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ (моҳият, принсипҳо, шаклҳо, усулҳо): самтҳои асосии ташаккул ва рушди низоми танзим ва дастгирии соҳибкорӣ; **1.20.** Ташкили ҳамкориҳои сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ; **1.23.** Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ислоҳоти иқтисодиёти Тоҷикистон бо мақсади ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ бояд хусусияти муназзам дошта бошад, ки дар такмили маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии марбут ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ зоҳир мешавад. Вазъи муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳам дар иқтисодиёти кишвар ва ҳам дар минтақаҳои алоҳида таъсири назаррас дорад.

Бо оғозиислоҳоти иқтисодӣ тафовутҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо рӯ ба афзоиш оварданд, ки бо истифодаи иқтидори иқтисодиву иҷтимоии ҳудуд, ташаккули муносибатҳои бозорӣ, ҳолат ва динамикаи афзоиши намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ вобастаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруна мустақим ва ё ғайримустақим ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Имруз гарони арзиши қарзҳои бонкӣ ва сарбории баланди андозӣ омилҳои боздорандаи рушди соҳибкорӣ гардидаанд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки солҳои охир доир ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таҳқиқотҳои зиёде бурда шудаанд, вале, мутаассифона масъалаҳои назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи лозима таҳқиқ нашудаанд.

Бинобар ин, зарурати омӯхтани асосҳои назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ, омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ, инчунин омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонии муҳайё сохтани муҳити молиявии соҳибкорӣ, баҳои ҳолати муосири он дар сатҳи макро - ва микроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаяйн намудани самтҳои асосии такмили онҳо асоси мубрамияти мавзуи таҳқиқот гардидаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола ба дастовардашуда, муқарраротҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Мақсади таҳқиқот омӯзиши муқаррароти назариявӣ, методӣ ва амалии муҳити молиявии соҳибкорӣ буда, он имкон медиҳад, ки ҳолати муҳити молиявии соҳибкорӣ муайян ва самтҳои асосии таҳкими он пешниҳод карда шавад.

Барои амалӣ намудани мақсади гузоштагуда, аз тарафи муаллиф вазифаҳои таҳқиқот, аз он ҷумла, таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ; муайян намудани омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ; таҳқиқи таҷрибаи муҳити молиявии соҳибкорӣ дар хориҷа; таҳлили ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон; баҳои ҳолати муосири микромуҳит ва макромуҳити молиявии

соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва пешниҳод намудани самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ муайян карда шудаанд.

Дар асоси вазифаҳои гузошташуда аз тарафи муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ ва пешниҳоди самтҳои асосии такмили он дар сатҳи микро- ва макромуҳити молиявӣ муайян карда шудаанд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот аз тарафи муаллиф муқарраротҳои илмӣ, аз он ҷумла, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ; зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ; зарурати ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт (муҳити молиявии соҳибкорӣ); пешниҳоди роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва дурнамои он; пешниҳоди модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ; ва ташкили кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди инфрасохтори истеҳсолӣ пешниҳод гардидаанд.

**Эътибборнокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёншуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлил ва таҳқиқи мавзӯъ, миқдори зарурии маводи дар ҷараёни таҳқиқот истифодашуда, эътимоднокии манбаъҳои маълумот оид ба ин мавзӯъ ҷамъоварӣ ва коркардшуда бо тасдиқи муқаррароти илмии муаллиф, ки дар кори диссертатсия мавҷуданд ва инчунин бо нашрияҳо тасдиқ шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ-амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои тадқиқот.** Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида ба мукаммал гардидани заминаҳои назариявию методии раванди таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар кор овардашуда

метавонанд, ҳангоми такмилдиҳии базаи қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқша-таҳқиқшаванда ва инчунин дар фаъолияти сохторҳои маҳалии идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳалли рушди сармоягузорӣ имконият фароҳам оваранд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015" таҳти рақами №469 аз 3.12.2003, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва мавзуъҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ, таҳияи модели консептулии стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ, таҳияи матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди инфрасохторӣ иборат мебошад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 10 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, чоп шудаанд. Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳод ва руйхати адабиёт, дар 194 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шуда, дорои 53 ҷадвал ва 10 расм мебошад.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ»** масъалаҳо оид ба асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии

соҳибкорӣ; омилҳо ва марҳилаҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ ва таҷрибаи хориҷии фароҳамсозии муҳити соҳибкорӣ ва тадбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳқиқ карда шудаанд.

Муаллиф фикру ақидаҳои олимону хориҷу дохили кишварро оид ба муҳити молиявии соҳибкорӣ омӯхта аз ҷумла қайд менамояд, ки «муҳити молиявии соҳибкорӣ маҷмуи субъектҳои хоҷагидориест, ки берун аз ҳудуди корхона фаъолият намуда, ба қобилияти амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Инчунин муҳити молиявии соҳибкориро ҳамчун омилҳои ба фаъолияти истеҳсолии корхона таъсиркунанда баррасӣ кардан мумикин аст. Чунки муҳити молиявӣ метавонад ба вазъи молиявии корхона ва фаъолияти самараноки корхона дар бозор таъсир расонад» (саҳ.18 -19).

Диссертант қайд менамояд, ки фаъолияти самарноки соҳибкорӣ аз доираи молиявии он ва инфрасохтори таъминкунандаи захираҳо вобастагии калон дорад. Ин пеш аз ҳама бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, сармоягузорон, ширкатҳои суғуртакунонӣ ва ғайра мебошанд. Дар асоси таҳқиқи мафҳуми «муҳити молиявии соҳибкорӣ» муаллиф ба чуини хулоса меояд, ки дар адабиёти илмӣ мафҳуми ягонаи «муҳити молиявии соҳибкорӣ» мавҷуд набуда онро метавон ба ду гуруҳ: беруна ва дохилӣ тақсим намуд, ки бевосита ба қобилияти пешбурди тиҷорат ва гирифтани даромад таъсир мерасонад (саҳ. 26-28).

Муаллиф вобаста ба таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба муҳити молиявии соҳибкорӣ ба чунин хулоса меояд, ки омилҳое, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ бевосита таъсир мерасонанд, имкон медиҳанд, ки фаъолияти соҳитбкорӣ танзим карда шавад. Бинобар ин саривақт муайян ва таҳлил намудани омилҳои таъсиррасон ба соҳибкор муҳим буда, ба рақобатпазирии он дар бозор, қобилияти пардохтпазирӣ ва мустақилияти он мусоидат менамояд (саҳ.39-40).

Муаллиф рушди соҳибкорӣ ва аз он ҷумла муҳити молиявии онро дар аз руйи таҷрибаи давлатҳои хориҷи кишвар (Ҷопон, Чин, Фаронса, ИМА, Ӯзбекистон) омухта қайд менамояд, ки барои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудаи муҳити солими молиявӣ бояд дар тамоми сатҳи мақомоти давлатӣ

чораҳои назаррас андешида шаванд. Таҷриба кишварҳои Ҷопон оид ба ташкили агентии давлатӣ оид ба соҳибкории хурд ва миёна ва мониторинги доимии рушди ҳолати соҳибкорӣ, таҷрибаи Чин дар таҳияи барнома оид ба бунёди муҳити молиявӣ барои рушди соҳибкорӣ, таҷрибаи Фаронса оид ба ташкили сохтори маблағгузории фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна ҳамчун кафили қарзҳое, ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дода шудаанд оид ба татбиқи тадбирҳо дар низоми дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти корхонаҳои хурд дар Тоҷикистон муфид хоҳад буд (саҳ.43-60).

**Дар боби дуюм «Баҳои ҳолати кунунии муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз тарафи муаллиф ба вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ; ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ ва ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ баҳо дода шудааст.

Дар боби мазкур аз тарафи муаллиф дар умум фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва аз он ҷумла муҳити фаъолияти моливии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки барои рушди соҳибкории кишоварзӣ дар кишвар тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст. Бо вуҷуди ин, имруз дар ин самт якчанд омилҳо, аз он ҷумла, танзими барзиёд, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ, монополизатсия ва ғайра ба чашм мерасад (саҳ.78-79).

Ба ақидаи муаллиф имруз сатҳи нокифояи воситаҳои ниҳодҳои молиявии амалкунанда (бонк, ташкилоти хурди қарзӣ, ширкати суғуртавӣ ва ғайра) боиси маҳдуди номгуи хизматрасонии молиявӣ гардида, ба талаботи бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсолии он мувофиқат намекунад (саҳ. 87-96).

Вобаста ба омузиши ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар кишоварзӣ аз тарафи муаллиф фаъолияти ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и ш.Ҳисор, хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и н.Қубодиён, кооперативи тиҷоратии “Сомонҷон”-и н.Данғара мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Сабаби асосии интихоби ин хоҷагиҳо дар он асос ёфтаанд, ки онҳо ҳаҷман гуногун

ва муҳити молиявии онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Самтҳои фаъолияти истеҳсоли онҳо гуногун буда, ин пеш аз ҳама боғдорӣ, истеҳсоли ғалла, пахта, сабзавот, мева, гӯшт, шир, пилла ва хурокаи чорво ба ҳисоб меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз нишондиҳандаи асосии баҳои ҳолати муосири микромуҳити соҳибкорӣ вазъи молиявии он ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи фаъолияти молиявии хоҷагиҳои таҳқиқшуда, бояд ду нуқтаро дар назар дошт: имкониятҳои молиявӣ ва дараҷаи хавфи фаъолият (саҳ. 96-100).

Дар охир муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки микромуҳити молиявии соҳибкорӣ унсурҳои истеҳсолот, молия, маркетинг, сохтори ташкили дар бар гирифта дар якҷоягӣ иқтидор ва имкониятҳои соҳибкорро муайян менамояд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ба рушди истеҳсолот якқатор монеаҳои низ мавҷуданд, ин пеш аз ҳама рушд наёфтани заминаи технологӣ, сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ, хурдашавии фондҳои асосӣ, вобастагӣ аз нархи ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ, нокифоягии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра (саҳ. 112-113).

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ»** масъалаҳо оид ба самтҳои асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ; таҳияи стратегияи молиявӣ ҳамчун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ва мукаммалсозии механизми танзими давлатии фазои соҳибкорӣ ҳамчун пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф омилҳои ба муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ таъсиррасонадаро ба омилҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ намуда, қайд менамояд, ки стратегияи ҳалли масъалаҳои макроиқтисодӣ ба эътидол овардани касри буҷети давлатӣ, таҳким додани сиёсати пулию қарзӣ, дар ҳолати мӯътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум, кам кардани миқдори пули нақд дар муомилот, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, танзими низоми андоз, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ғайраро тақозо менамояд (саҳ. 125-128).

Дар иқтисодиёти муосир самаранокии соҳибкорӣ асосан аз рӯи стратегияи молиявии он муайян карда мешавад, ки он дар баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъмини ҷалб ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, ҳамоҳангсозии ҷараёни онҳо нақши муҳим бозида, баланд шудани арзиши бозории корхона ва некуаҳволии сохибони онро таъмин мекунад. Моҳияти стратегияи молиявӣ дар вазифаҳои мушаххаси он, ки бо вазифаҳои молияи соҳибкорӣ ва идоракунии стратегии он муайян карда мешаванд, зоҳир мегардад. Мақсади асосии стратегии молиявӣ таъмини соҳибкори бо захираҳои зарурӣ ва кофии молиявӣ мебошад (саҳ. 128-132).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити муосири рушди иқтисодию-иҷтимоии Тоҷикистон нарасидани воситаҳои молиявӣ баръало ҳис карда мешавад. Сатҳи капитализатсияи иқтисодиёт дар соли 2021 то 10,0% коҳиш ёфта, арзиши қарзҳои бонкӣ то ба 30,0% расидаанд. Бинобар ин дар доираи тадқиқоти худ танзими давлатии фазои соҳибкориро пояи асосии таҳкими муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ дониста ба чунин хулоса омадем, ки дар шароити муосир иқтисодиёти Тоҷикистон аз нарасидани воситаҳои молиявӣ танқисӣ мекашад, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш дорад.

Бинобар ин, имруз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои гуногуни танзими давлатии таҳкими муҳити молиявиро барои рушди соҳибкорӣ истифода бурда истодааст, ки яке аз он ин таҳияи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба ҳисоб меравад, ки дар он ба вазъи муосири фазои сармоягузорӣ ва муҳити молиявӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, самтҳои асосии фаъолият барои ҳалли мушкилотҳо ва натиҷаҳои чашмдошт муайян карда шудааст (саҳ.146, 162).

Дар доираи таҳқиқот аз тарафи муаллиф матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст (ҷадв. 3.3.1., саҳ. 148).

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст карда шуда, тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд (С.164-171).

Автореферат мазмуни мухтасари рисолаи илмиро иникос менамояд ва ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, аз он ҷумла:

1. Дар таҳқиқот таҷрибаи пешқадами давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ нокифоя оварда шудааст. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот хуб мешуд агар таҷрибаи кишварҳои ба мо наздик, пеш аз ҳама Россия, Қазоқистон, Узбекистон, ки дар самти мазкур таҷрибаи кофӣ доранд таҳлил мегардид.

2. Дар диссертатсия номи олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон дода шуда, аммо дар кори илмӣ аз таҳқиқотҳои онҳо маълумотҳо нокифоя оварда шудаанд.

3. Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмуи шароит ва омилҳои мухталиф, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти муқоисаи он дар рушди соҳибкории кишоварзӣ нокифоя таҳлил карда шудааст.

4. Дараҷаи дастгирии давлатии молиявии соҳибкорӣ тавассути пешниҳоди қарзҳои бонкӣ, грантҳои давлатӣ, татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ (дохилӣ ва хориҷӣ), ҷудо гардидани қарзҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва ғайра нокифоя мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Аз муаллиф хоҳиш мекардем, ки масъалаи мазкурро дар таҳқиқотҳоиояндаи худ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

5. Ба андешаи мо хуб мешуд агар муаллиф дар рисолаи худ маҷмӯи омилҳоро (низоми молиявӣ, низоми ҷории андозӣ, танзими қонунгузорӣ, меъёрӣ ва ғайра), ки имкониятҳои субъекти хоҷагидорро дар ҷараёни пешбурди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ҳамчун ҷузъи муҳити молиявии фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳанд, бештар мавриди баррасӣ қарор медод.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун, ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

Дар умум кори диссертатсионии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли сохибкории кишоварзӣ)» кори илмии анҷомёфта буда ба талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) ҷавобгу аст ва муаллифи он сазовори ба ӯ додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10 аз 14.05.2024). Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафтор - 7 нафар, Зид, Бетараф - нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
менеҷмент ва ва соҳибкории
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Бобоазиззода Ш.А.

Котиби ҷаласа Мирзоева П.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи
менеҷмент ва соҳибкории
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Исломов Ғ.Ҳ.

Имзои Исломов Ғафур Ҳакимович, Бобоазиззода Шамшод Абдуғафур ва Мирзоева Паринозро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур,
E-mail: mtti2009@mail.ru, ☎ (+37) 2245809